Дар бораи тасдиқ  намудани
Дастурамал «Оид ба андозбандии
сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ»

Мутобиқи муқаррароти қисми 8 моддаи 312 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Дастурамал "Оид ба андозбандии сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ"бо забонҳои давлатӣ ва русӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Дастурамали мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шавад.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани Дастурамали мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани он чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5. Фармоиши Вазири даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.04.2006, №103-Ф «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал «Дар бораи татбиқ ва назорати имтиёзҳои андозу гумрук ва преференсияҳо дар мавриди сохтмони нерӯгоҳҳои обии барқӣ», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 майи соли 2006, таҳти №208 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раис Юсупов П.С. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н.Давлатов**